Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА– 015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ (734042, ш.Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10 а)

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна дар мавзуи "Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 6D050607- Иқтисодиёти саноат ва энергетика.**

**1. Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.**

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои иқтидори бузурги таъмини рушди босамари саноат бо ашёи хоми ватанӣ мебошад, дар марҳилаи ибтидоии навсозии бахшҳои саноатии низоми иқтисоди миллӣ қарор дорад. Муаммоҳои асосии соҳа бо кам будани талабот ба маҳсулоти истеҳсолшуда, фарсудашавии маънавӣ ва ҷисмонии фондҳои асосӣ, ақибмонии технологӣ, вобастагӣ ба бозорҳои хориҷӣ (азбаски қисми зиёди маҳсулоти истеҳсолшуда сикли нотамоми технологӣ доранд), захираҳои меҳнатӣ ва энергетикӣ таҷассуи гардида, инчунин вусъати рақобати ҷаҳонӣ ва интегратсияи иқтисодиёти миллӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ, асосноккунии илмию методии самтҳои тараққиёти самарабахши саноатро, ки ба истифодаи иктидори мамлакат нигаронида шудааст, талаб мекунад. Ҳадафҳои рушди саноати миллӣ дар давраи миёнамӯҳлат ва дарозмуддат бояд ба мушкилоти инноватсионии иқтисоди ҷаҳонӣ, рушди сохторҳои самаранок ва устувори истеҳсолии бозорӣ, ки онҳо иқтидори афзоиши пайдарпайи некӯаҳволии ҷомеаро дар ин замина таъмин месозанд, барои аз нав тақсим кардани қувваҳои истеҳсолкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шаванд.

Барои рафъи тамоюлҳои манфии дарозмуддат, таҳияи равишҳои нави комплексии рушди корхонаҳои саноатӣ, ки ба принсипҳо ва унсурҳои иқтисодиёти инноватсионӣ асос ёфтаанд, зарурат дошта, инчунин ташаккули воситаҳои ташкилӣ ва иқтисодӣ, ки имкон медиҳанд, потенсиали мавҷудаи захираҳоро бештару самаранок истифода шаванд, асосӣ ба ҳисоб меравайд.

Бояд қайд кард, ки то ҳол дар адабиёти илмию иқтисодӣ таҳқиқоти самтҳои алоҳидаи такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди

фаъолияти корхонаҳои саноатии ватанӣ хело кам ба назар мерасад ва ин ва дигар масъалаҳои равишҳои назариявии ташаккулёбии сиёсати саноатӣ ҳамчун системаи фаъолияти алоқаманд ба таври густурда баррасӣ нагардидааст. Аз ин хотир, бо эътимоди комил қайд карда метавонем, ки масъалаи омӯзишии дақиқ ва таҳқиқи илмӣ бо мақсади аниқ ва асоснок кардани мукаммалсозии сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаҳои саноати кишвар муҳиммияти рӯзмараро ба худ касб намудааст.

**2. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм.**

Диссертатсияи Аскарова С.С. дар мавзуи «Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯи бандҳои зерини шиносномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда шудааст: 6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика: 5.Равишҳои методологӣ ва методӣ нисбат ба масоили иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии соҳаи саноат ва энергетика. Қонуниятҳо ва тамоюли амалкард ва рушди соҳаи саноат ва энергетика, 11. Асосҳои назариявӣ ва методии таъминоти рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ, ташаккулёбӣ ва рушди истеҳсолоти саноатии воридотивазкунанда ва ба саноат нигаронида шуда, 12. Ҷойгирсозӣ, принсипҳои ташкил ва баландбардории самаранокии истеҳсолоти саноатӣ ва энергетикӣ, 15. Сиёсати саноатӣ ва энергетикӣ: механизмҳои таҳия, татбиқ, назорат. Идоракунии ислоҳотҳои сохторӣ дар саноат ва энергетика, 24. Ташаккулёбӣ ва рушди сохторҳои кластерӣ дар саноат ва энергетика, тавсеаи инфрасохтори инноватсионии рушди саноат ва энергетика. Муаммоҳо ва дурнамои рушди кластерҳо дар саноат ва комплекси сӯзишворию-энергетикӣ, 33. Моделҳои рақамӣ дар иқтисодиёт ва идоракунии корхонаҳои саноатӣ ва энергетикӣ. Арзёбии самаранокии рақамикунонии равандҳои идоракунӣ ва технологӣ дар корхонаҳои саноат ва комплекси сӯзишворию-энергетикӣ. Таҳияи стратегияҳои рақамӣ дар саноат ва энергетика, 35. Асосҳои назариявӣ ва методии ташаккулёбӣ ва рушди истеҳсолоти саноатии воридоти ивазкунанда ва ба содирот нигаронида шуда.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Навгонии илмии таҳқиқот дар асосноккунии равишҳои назариявию методии ҳолатҳои мукаммалгардонии сиёсати санотӣ ва коркарди тавсияҳои амалии татбиқи самараноки он дар мисоли саноати

Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Натиҷаҳои нисбатан аҳамиятноки таҳқиқоти диссератсионӣ, ки дорои навгониҳои илмӣ мебошанд, инҳоанд:

- равишҳои назариявии ташаккулёбии сиёсати саноатӣ ҳамчун системаи фаъолияти алоқаманд, ки ба амалигардонии тадбирҳои превентивии ба рушди бахши саноат равона гардида бо назардошти фарогири дарки принсипҳои ҷойгиркунӣ, тахассусият, кооператсия, ҳамгирой ва кластеркунонии соҳа буда, бо мақсади таъмини ҳамоҳангкунии рушди саноат ва қонуниятҳои тамоюлҳои рушди саноат дар тартиби технологияш, ки барои ба ҳадафҳои стратегии рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ноил гардидан имконият фароҳам оварда метавонанд, муайян карда шудаанд;
- тавсифи қонуниятҳои рушди соҳаи саноат дар замони муосир аниқ карда шуда аҳмияти омили «инноватсия»-ро ҳамчун драйвери калидии тағйиротҳои судманд ва гузаштан ба иқтисодиёти инноватсионӣ асоснок карда шудааст;
- равиши кластериии ташкили истеҳсолоти саноатиро хамчун шакли афзалиятноки низомнокии он бо дарназардошти таъминшавии ҳадафҳои дохилӣ аниқ карда шуда мақсад, принсипҳо ва воситаҳои таъсиррасонӣ, ки ба ноил гардидан ба параметрҳои рақобатпазирии системаи саноати миллӣ равона гардидаанд, муайян шудаанд;
- тамоюлҳои тавсифии рушди бахши саноати Тоҷикистон ҳамчун системаи кушодаи алоқамандиҳои соҳаҳои мухталиф, норасоии захираҳои сармоягузорӣ, рушд наёфтани асосҳои инфрасохтории ҳамкориҳои миёни илму истеҳсолот ва ғ. муайян карда шудаанд;
- механизмҳои самараноки амалисозии сиёсати саноатии дорои тағйиротҳои ниҳодӣ дар сохтори идораи соҳа, ки ба самти таъмини ҳамкориҳои судманди мақомотҳои гуногуни давлатӣ равона гардидаанд, бо дарназардошти унсурҳои зерин пешниҳод мегарданд:
  - ✓ амалисозии комплекси тадбирҳои ташаккулёбии кластерҳои минтақавии саноатӣ;
  - ✓ коркарди механизми рушди консепсияи воридотивазкунӣ дар бахши саноати иқтисодиёти Тоҷикистон, ки дорои алгоритми амалисозии пайдарпайи табдирҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва маъмурии дастгирии истеҳсолкунандаи ватанӣ дар бозорҳои дохиливу хориҷӣ мебошад;
  - ✓ тавассути моделсозии риёзӣ муайян кардани қимматҳои ояндабинии нишондиҳандаҳои асосӣ дар даварҳои дарозмуддат.

**4.Сохтор, мундариҷаи диссертатсия ва сатҳи асосноккунии дастовардҳои илмӣ.**

Диссертатсияи тақризшаванда сохтори пайгирона дошта дар он ҳадаф, вазифаҳо ва мантиқи дохилии тадқиқот муайян карда шудаанд. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 9 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки 178 номгӯйро дарбар мегирад, 14 расм, 33 ҷадвал иборат мебошад. Кори диссертатсионӣ дар маҷмуъ 196 саҳифаи чопи компютериро фаро гирифта аст.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи диссертатсия асоснок карда шуда, дараҷаи азхудкунии масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методи, навгониҳои илми, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

**Дар боби якум "Асосҳои назариявӣ-методии ташаккули системаи саноат ва рушди соҳаҳои саноатӣ"(с.14-63)** асосҳои назариявии фаъолият ва рушди системаи саноати кишвар ва проблемаҳои коркард кардани сиёсати саноат дар он баррасӣ гардида, тараққиёти техникӣ-инноватсионии ҳамчун унсури рушди сиёсати саноатӣ ва равишҳои технологии таъсиррасонӣ ба сохтори системаи саноат мавриди таҳлил қарор дода шуда аст.

Дар қисмати назариявӣ муҳақиқ дар доираи вазифа ва мақсадҳои кори таҳқиқотӣ мухтавои мафҳуми «сиёсати саноатӣ»-ро мавриди таҳқиқ қарор дода, аз аз нигоҳи худ, таърифи мауллифи хешро дода аст, ки сиёсати саноатӣ ва ё бо дигар ибора сиёсат дар соҳаи саноат – ин маҷмӯи ташаббусҳо ва таҷҳизотҳои бо дигар шаклҳои сиёсат алоқаманде мебошад, ки аз ҷониби давлат ҳамҷоя бо субъектони хоҷагидорӣ роҳандозӣ карда шуда, барои рушд додани иқтидори саноати кишвар, бартараф кардани монеъаҳои рушд, мукаммал гардонидани сохтори иқтисодиёти миллӣ, ташаккул додани истеҳсолот ва маҳсулоти рақобатпазир, таъмин намудани афзалиятнокӣ ва сармоягузорӣ дар тамоми сохторҳои саноатӣ, таъмин намудани бехатарии иқтисодии равандҳои саноатии кишвар ва минтақаҳои он равона мегардад (саҳ 20).

Муаллиф зарурати таҳқиқи ҷамбаҳои татбиқӣ ва консуптиалии назарияи системаҳои саноати миллиро дар шарити ҳозира ва ҳалли масъалаҳои фароҳам овардани инфрасохтори ташаккулёбии системаи саноатӣ ва рушди инноватсинӣ,коркарди механизмҳои сиёсати саноатиро асоснок намудааст(с.31-33).

Дар диссертатсия он оид ба мақоми хос доштани тартиби технологӣ ва усулҳои технологии истеҳсолот дар системаи иқтисодӣ таҷассум гардида, қайд мегардад, ки равандҳои технологӣ ҳар кадом дар навбати

худ ва дар лаҳзаи вақти муайян ба арсаи вуҷуд хоҳанд омад. Аз ин сабаб кишварҳо ва соҳаҳои саноатие, ки барои қабул ва татбиқи онҳо омодаанд, пешсафиро соҳиб хоҳанд шуд, яъне рушд кардан ва ба самаранокии фаъолият расидан насиби онҳо хоҳад гардид. Муаллиф ба хулосае омадааст,ки рушти иҷтимой-техникии субъектони иқтисодии ҳар як кишвар ва манотиқи вобаста ба он ба таври гуногун ба амал меояд. (с.45- 47).

**Дар боби дуюм «Таҳлили тамоюлҳои рушди соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон»(с. 64- 110)** ҳолати муосир ва тамоюли рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шуда, тамоюлҳои рушди инноватсионии соҳаҳои саноати истихроҷ ва саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карда шудааст.

Муаллиф таҳлилҳои мувофиқ ба вазифаҳои дар кор гузошташуда гузаронида, ба хулосае менамояд, ки истеҳсолоти минтақаҳҳои ҷудогонаи кишвар паст гардида, захираҳои мавҷудбуда ба таври назаррас ва самаранок истифода нагардидаанд. Ҳамзамон далолат ба он мекунад, ки механизмҳои иқтисодии мавҷудаи ҳавасмандагрдонӣ ва дастгирикунандаи рушди соҳаҳои саноати тамоми кишвар бояд дар асоси амалисозии татбиқи навовариҳо дар идоракунӣ, ки таносубҳои байни марказ ва минтақаҳо ба роҳ монда шаванд(с.67-68).

Ҳамчунин вобаста ба таҳлилҳои гузаронидашуда муаллифи диссертатсия чунин хулосабарорӣ мекунад, ки барои ноил гардидан ба рушди инноватсионӣ ва соҳавии корхонаҳои муосири саноатӣ ва дар маҷмуъ бахши саноатии кишвар, омода сохтани мутахассисони баландихтисоси соҳибкасб тақозо карда мешавад ва баланд бардоштани касбияти кормандон метавонад равишҳои ба рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар натиҷа ба рушди иқтисодиёти миллӣ таъсиррасонро ба вуҷуд оварад(78-79).

Диссертант зикр мекунад, ки дар заминаи корҳои илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли афзоиши назаррас ба қайд гирифта шуда бошад ҳам, ба туфайли татбиқи рақамикунонии системаи саноат он боз бештар инкишоф хоҳад ёфт. Технологияҳои инноватсионӣ барои тамоми корхонаҳои саноати истихроҷ зарур бошанд ҳам, аммо онҳо дар ташаккулёбии натиҷаҷои фаъолияти ин бахш нақши муассир намебозанд. Омилҳои асосии динамикаи нишондиҳандаҳои саноати истихроҷро муайянкунанада арзиши масолеҳи хоми истеҳсолшаванда ва сиёсати сармоягузории онҳо мебошад (101-102).

**Дар боби сеюм «Самтҳои стратегии такомули муҷтамаъҳои саноатӣ ва сиёсати саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон»(111-163)** методикаи

ташаккулёбии стратегияи рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, мукаммалгардонии механизмҳои рушди сиёсати саноатӣ ва соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тавассути моделсозии риёзӣ қимматҳои ояндабинии нишондиҳандаҳои асосӣ дар давраҳои дарозмуддат муайян карда шудааст.

Дар диссертатсия Аскарова С.С, сохтори стратегияи рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро коркард карда, дар схемаи ин сохтор унсурҳо, асосҳои ҳуқуқӣ ва хавфҳои имконпазири ба он таъсирасонро пешниҳод намуда, марҳилаҳои ташаккулёбии стратегияи рушди илми-технологии муҷтамаъҳои саноатиро асоснок намуда аст, ки шоёни таҳсин мебошад(113).

Ҳамчунин муаллиф дар кори таҳқиқотӣ вобаста ба заминаҳои мукаммалсозии механизмҳои рушди сиёсати саноатӣ ва соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтори системаи идоракунии рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти калидӣ доштани мақоми давлатро дар ин раванд ба таври мушаххас қайд намуда аст, ки боиси дастгирӣ намудан мебошад. Зеро ба ақидаи муаллиф амалишавии стратегияи рушди соҳавӣ танҳо дар пояи сиёсати мақсадноки давлат ва дар доираи барномаҳои мақсадноки иҷтимоӣ имконпазир хоҳад шуд (саҳ 133).

Аз ҷониби муаллиф намуди механизми амалисозии тадбирҳои равнақ додани сиёсати воридотивазкунии соҳаи саноат пешниҳод гардидааст (расми 3.3), ки ба рушди сиёсати саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар заминаи он равнақ ёфтани воридотивазкунандагии бахши саноат мусоидат хоҳад кард(с. 137).

Дар таҳқиқоти Аскарова С.С. тариқи моделсозии иқтисодӣ-риёзӣ таҳлили коррелятсиониву регрессионии омилҳо тибқи маълумотҳои оморӣ гузаронида шуда, вобастагиҳои омилҳо дар ҳолати мавҷудбуда муайян карда шуда, маълумотҳои ояндабинӣ ҳисоб карда шудаанд. Ба назар хело хуб менамояд он чи ки дар раванди моделсозӣ муаллиф усули сенариясозиро истифода намуда, ҳолатҳои гуногуни рушд ва динамикаи тағйирёбии онҳоро муайян карда аст, ки тавсияҳои аз раванди ин таҳлили моделсозӣ берун меомадаро метавонанд дар доираи банақшагирӣ ва идораи давлатӣ ҳангоми муайянсозии самаранокии соҳаҳои саноат бо дарназардошти ҷалби сармоягузориҳо, таҷдидсозии воситаҳои асосӣ, равандҳои молиявии корхонаҳо ва самарнокии фаъолияти онҳо ҳамчун абзори иловагӣ барои идоракунӣ ва баҳодиҳии иқтисодӣ истифода баранд(161-162).

Дар қисмати хулоса натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии таҳқиқот пешниҳод гардидааст.

**5.Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

Дастовардҳои илмии нисбатан муҳиме, ки муаллиф мустақиман ба онҳо ноил гардидааст ва онҳоро ба ҳимоя пешниҳод кардааст, аз нуқтаҳои зерин иборатанд:

- равиши системавии аз ҷониби муаллиф коркардшудаи инъикоси муҳтавои комили сиёсати саноатӣ ҳамчун системаи тадбирҳои ташаккулёбии шароитҳои мусоид, ки ҷумбиши сохтории мутавозун ва ҳамоҳангкунии соҳаҳои гуногуни системаи саноатиро таъмин месозад дақиқ карда шудаанд;

- принсипҳои таҳлил ва назорати сатҳи технологии рушди системаи саноат, ки дараҷаи кушодии иттилоотӣ ва таъмин будан бо сармоягузориро ҳамчун меъёрҳои калидии баҳогузорӣ ба ҳисоб мегирад ошкор карда шудааст;

- модели консептуалии қафомондагии технологии системаи саноати миллӣ аз сатҳи тартиботи технологии кишварҳои рушдкарда ошкор карда шуда аст;

- схемаи тағйиротҳои ниҳодии назорати давлатии системаи саноат, ки имконият медитҳад ҳамкориҳои ниҳодҳои гуногун беҳтар гарданд донишбунёд асоснок карда шудаанд;

- механизмҳои амаликунонии равиши кластерӣ дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон бо дарназардошти параметрҳои рушди инноватсионии соҳа пешниҳод карда шудааст.

**6.Асоснокӣ ва эътимоднокии хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Асосҳои назариявии диссертатсияро асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ҳалли такмили сиёсати саноатӣ бо назардошти хусусиятҳои фаъолгардонии фаъолияти инноватсионӣ ташкил медиҳад. Ба сифати маводи ибтидоӣ санадҳои меъёрию ҳуқуқии мақомоти давлатӣ, коркард ва таҳлили маълумотҳои оморӣ, инчунин маводҳои конференсияҳои илмӣ ва амалӣ, монографияҳо, маводҳои нашрияи давлатӣ, захираҳои иттилоотии «Internet» истифода бурда шудаанд.

Хулосаҳо ва муқаррароти диссертатсия аз тарафи муаллиф дар конференсияҳои илмӣ ва амалии ҷумҳуриявӣ, семинарҳои илмию амалӣ баррасӣ ва эътироф шудааст. Муаллиф аз адабиёти илмӣ доир ба мавзӯи таҳқиқот хеле хуб истифода кардааст, мустақилона далелҳои оморӣ ва

натиҷаҳои таҳқиқи шахсии худро дар диссертатсия коркард ва таҳлил намуда, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии такмили сиёсати саноатиро ва арзёбюии таъсири онро ба рушди соҳаи саноати ҷумҳурӣ асоснок кардааст. Муқаррароти асосии назариявии диссертатсия бо пешниҳодҳои мушаххас аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, барои такмили сиёсати саноатӣ ва баҳодиҳии таъсиои он ба рушди соҳаи саноати кишвар пешниҳод гаштааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 22 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Хулосаҳои муаллиф оид ба зарурати баҳисоб гирифтани асосҳои методологии ташкили сиёсати саноатӣ, ки таркиби рушди инноватсиониашро ба ҳайси омили асосии рақобатпазир гардонидани он инъикос менамояд илман асоснок карда шудаанд. Муаллиф ҷамбаҳои назариявӣ-методии таҳқиқи такмили ташаккулёбии сиёсати саноатӣ ва низоми саноат дар доираи назарияҳои илмӣ асоснок намуда коркарди қиёсии додаҳои оморӣ,муайянсозии равишҳои технологии таъсиррасонӣ ба сохтори низоми саноатӣ ва роҳҳои рушди инноватсионии саноат, таҳияи модели маҷмуавии коррелятсионӣ ва регрессионии корхонаҳои саноатиро анҷом додааст ва дигар натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст.

**7. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Муқаррароти асосии илмӣ ва хулосаҳои назариявии кори диссертатсионии тақризшаванда метавонанд барои мукаммалсозии сиёсати саноатӣ ва рушди технологии бахшҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда шаванд. Инчунин муқаррароти диссертатсия барои васеъ намудани ҷанбаҳои назариявию методии таҳқиқот ва равишҳои ҷадиди мукаммал гардонидани сохтори иқтисодиёти миллӣ, ташаккул додани истеҳсолот ва маҳсулоти рақобатпазир, таъмин намудани рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ мусоидат намуда, самаранокии татбиқи онро баланд мебардорад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки натиҷаҳои ба даст овардашудаи илмӣ аз нигоҳи методӣ, усулҳои таҳия ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ истифода кардан мумкин аст. Татбиқи муқаррароти илмии дар кор асоснок гардида инчунин дар

муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ҳангоми омӯзиши фанҳои «Иқтисодиёти корхонаҳо», «Иқтисодиёти саноат», ва «Асосҳои фаъолияти инноватсионии корхона» истифода шуда метавонад. Хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ имконият медиҳанд, ки дар корхонаҳои саноатӣ ба сифати заминаҳои асосии такмили сиёсати саноатӣ ва рушди инноватсионии корхонаҳои саноати кишвар мавриди истифода қарор гирифта метавонанд.

**8. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия.** Ба андешаи мо дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари ҷамбаҳои мусбӣ баъзе камбудиҳои алоҳида, ақидаҳои баҳсталаб ба назар мерасонд ва баъзеи онҳоро қайд кардан лозим мешуморем,ба монанди:

1. Дар диссертатсия ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба ҷанбаҳои татбиқӣ ва консептуалии назарияи системаҳои саноатӣ бамаврид оварда шудааст, аммо оиди эътироф ё назари мунаққидона доштани муаллиф нисбати ақидаҳои онҳо кам дида мешавад.

2. Дар диссертатсия раванди муайян намудани самтҳои стратегии рушд ва такмили низоми саноат, рушди инноватсионӣ ва соҳавии корхонаҳои муосири саноатӣ ва оптимизатсияи онҳо, ки нақши асосиро мақомоти давлатӣ ташкил медиҳад, асоснок карда шуда, аммо дар кор дараҷаи таъсири мақомоти давлатӣ бо назардошти ҳалли вазифаҳои сиёсати рушди инноватсионӣ ба таври возеҳ тасвир ва маънидод кардан аз назари муаллиф дур мондааст.

3. Дар боби дуюми кори диссертатсионӣ таҳлили тамоюлҳои рушди соҳаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст. Мутаасифона дар раванди таҳқиқот чунин тамоюли, ба монанди фаъолгарии инноватсионии фаъолияти корхонаҳои саноатии минтақаҳои озоди иқтисодии мамлакат таҳлил нашудааст.

4. Дар диссертатсия тараққиёти техникӣ-инноватсионииӣ ҳамчун унсури рушди сиёсати саноатӣ дар мисоли мамлакатҳои аз нуктаи назари инноватсионӣ пеш рафта хело ба маврид таҳқиқ ва асоснок карда шудааст. Хуб мешуд, агар муаллиф таҷрибаи ягон кишвари хориҷиро дар ин раванд, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар қобили қабул аст, нишон медод.

5. Дар зербоби 3.1.(с.111-126) самтҳои асосии ташаккул ва рушд ёфтани илмию технологии саноат ва методикаи ташаккулёбии стратегияи рушди илмию технологии муҷтамаъҳои саноати Ҷумҳирии Тоҷикистон асоснок карда шудааст. Аммо оиди асосноккунии

амалишавии пайдарпайии давраҳо ва тадбирҳои амалӣ ва мӯҳлати онҳо, усулҳои иҷрои онҳо аниқ ва коркарди онҳо(дар мисоли корхонаҳои ягон соҳаи саноат) нисбатан камтар таваҷҷӯҳ зоҳир шудааст.

5. Дар доираи таҳқиқот, махсусан дар зербоби 3.2. хуб мешуд, ки мукаммалгардонии механизмҳои рушди сиёсати саноатӣ дар мисоли яке аз соҳаҳои саноат оварда мешуд. Яъне дар натиҷаи истифодабарии пешниҳодҳои муаллиф чӣ гуна тағйиротҳо ба миён омаданашон мумкин аст ва ба кадом натиҷаҳо расидани корхонаҳои ин ё он соҳаи таҳлил кардашудаи саноатӣ аниқ мешуд.

6. Муаллиф дар асоси таҳлил ба хулосае омадааст,ки тартиби технологӣ ҳамчун маҷмӯи пурраи истеҳсолоти марбута, дар ҳамҷоягӣ бо муносибатҳои ба он созгори иқтисодӣ-ташкилӣ, ки имконияти ташаккул додани сохторҳои ташкилиро фароҳам меоварад ва сатҳу тавсифҳои рушди технологӣ мусоидат мекунад(с.166). Хуб мешуд, агар муаллиф дар ин радиф пешниҳодҳои мушахаси илмиро оиди роҳу усулҳои амалисозии сиёсати такмили сохторҳои инноватсинии ташкилиро муайян менамуд он гоҳ натиҷаи таҳқиқот боз ҳам бойтар мегашт.

7. Дар диссертатсия баъзе ибораҳои истифодашуда ва ҷумлаҳои таҳрирталаб, хатогиҳои хислати техникӣ доштa ба назар мерасанд.

Таъкид кардан зарур аст, ки ин норасоиҳои зикршуда аҳамияти илмӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд.

**9. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсияи Аскарова С.С. ба талаботи бандҳои Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267) ҷавобгӯй мебошад. Муқаддима, мубрамии мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзӯи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифта, асосҳои илмӣ ва амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқи диссертатсиониро инъикос намуда, дар он тавсифи умумӣ ва муҳтавои

асосии диссертатсия, навгонии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, феҳристи интишороти илмии муаллиф доир ба мавзуи таҳқиқот ҷой дода шудааст.

Дар маҷмӯъ бояд қайд кард, ки диссертатсияи мазкур таҳқиқоти илмии мустақилона ва пурра анҷомёфта мебошад, ки натиҷаҳои ба даст овардашударо дар худ инъикос мекунад ва ба ҳалли муаммоҳои рушди соҳаи саноатӣ мусоидат менамояд. Кори диссертатсионӣ сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардашудаи муаллиф арзиши илмӣ доранд, ки асосҳои назариявию амалии рушди соҳаи саноатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро тараққӣ медиҳанд. Умуман диссертатсия дар мавзуи «Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050607 – “Иқтисодиёти саноат ва энергетика” ба талаботҳои муқарраршуда мутобиқ буда, муаллифи он Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
Профессори кафедраи назарияи иқтисод ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисод, профессор, академики Академияи байналхалқии илмҳои мактабҳои олӣ — Комилов С.Ҷ.

Имзои Комилов С.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям,
Сардори идораи кадрҳои Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон — Раҳимов А.А.

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, кӯч.М.Турсунзода, 30
Телефон: (992) 37, 221-75-50
E-Mail: sirodj1950@mail.ru

**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА - 015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ, 734042, Душанбе,к. Академик Раҷабов 10**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна дар мавзуи « Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон », ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050607 – “Иқтисодиёти саноат ва энергетика” пешниҳод гардидааст.**

## 1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Диссертатсияи Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна дар мавзуи «Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар заминаи Феҳристи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи иқтисодӣ бандҳои зерини шиносномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда шудааст: 6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика 5. Равишҳои методологӣ ва методӣ нисбат ба масоили иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии соҳаи саноат ва энергетика. Қонуниятҳо ва тамоюли амалкард ва рушди соҳаи саноат ва энергетика, 11. Асосҳои назариявӣ ва методии таъминоти рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ, ташаккулёбӣ ва рушди истеҳсолоти саноатии воридотивазкунанда ва ба саноат нигаронида шуда, 12. Ҷойгирсозӣ, принсипҳои ташкил ва баландбардории самаранокии истеҳсолоти саноатӣ ва энергетикӣ, 15. Сиёсати саноатӣ ва энергетикӣ: механизмҳои таҳия, татбиқ, назорат. Идоракунии ислоҳотҳои сохторӣ дар саноат ва энергетика, 24. Ташаккулёбӣ ва рушди сохторҳои кластерӣ дар саноат ва энергетика, тавсеаи инфрасохтори инноватсионии рушди саноат ва энергетика. Муаммоҳо ва дурнамои рушди кластерҳо дар саноат ва комплекси сӯзишворию-энергетикӣ, 33. Моделҳои рақамӣ дар иқтисодиёт ва идоракунии корхонаҳои саноатӣ ва энергетикӣ. Арзёбии

самаранокии рақамикунонии равандҳои идоракунӣ ва технологӣ дар корхонаҳои саноат ва комплекси сӯзишворию-энергетикӣ. Таҳияи стратегияҳои рақамӣ дар саноат ва энергетика, 35. Асосҳои назариявӣ ва методии ташаккулёбӣ ва рушди истеҳсолоти саноатии воридотиивазкунанда ва ба содирот нигаронида шуда пешбини шудааст.

**2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия**

Рушди иқтисоди ҷаҳонӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ боис мегардад, ки сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат ва қадамҳои устувор баҳри рушди иқтисоди миллӣ гузошта шаванд. Имрӯзҳо роҳбарияти олии кишвар масъалаи саноатикунонии соҳаҳои иқтисодиётро дар мадди аввал гузошта, рушди соҳаи мазкур дар таъмини иқтидори захиравии иқтисодиёт, равандҳои такрористеҳсолӣ, беҳтар намудани сатҳи некӯаҳволӣ ва коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ нақши калидӣ дорад. Воқеан ҳам, дар марҳилаи муосир рушди устворӣ иқтисоди миллӣ аз самаранокии амалишавии сиёсати саноатӣ сарчашма гирифта, новобаста аз таъсири омилҳои беруна бо дарназардошти шароити имрӯза ва ҳадафҳои стратегии ҷумҳурӣ беш аз пеш таъмин мегардад.

Зимнан, дар шароити авҷи бӯҳронҳои пайдарҳами ҷаҳонӣ масъалаи мукаммалгардонии механизмҳои коркард ва амалисозии сиёсати саноатӣ дар ин росто, бо ҷорӣ намудани низомӣ навоварӣ ҷиҳати рушди соҳаи саноат, беҳтар намудани рақобатпазирӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии ватанӣ мусоидат менамояд. Дар робита ба ин, боиси қайд аст, ки дар амалӣ намудани ҳадафҳои стратегӣ ва дурнамои рушди иқтисодиёти миллӣ ташаккули сиёсати саноатии самаранок ва ҷорӣ намудани технологияи муосир мавқеи махсусро ишғол намуда, яке аз омилҳои асосии беҳтар намудани сатҳи некӯаҳволии мардум ба ҳисоб меравад. Дар ин росто дастовардҳои бузурги иқтисоди кишвар тайи солҳои соҳибистиқлолӣ, дар умум аз некӯаҳволии кишвар гувоҳӣ медиҳад.

Дар баробари ин, дар соҳаи саноати кишвар айни замон ҷиҳати афзун намудани ҳаҷми маҳсулот, таъмини рақобатнокии он, ташкили

корхона ва коргоҳҳои нав бо таъсиси ҷойҳои корӣ ва ҳал намудани вазифаҳои иҷтимоии давлат барномаҳои гуногуни соҳавии давлатӣ амалӣ гардида истодаанд, ки барои таъмини ниёзҳои рушди саноати кишвар ва махсусан аз шакли тавлидкунандаи ашёи хом ба истеҳсолкунандаи маҳсулоти ниҳоӣ замина мегузорад.

Дар ин замина, рушди саноат ва муваффақ шудан ба қонеъгардонии талаботи бозори ҷаҳонӣ боис гардида, ба таври назаррас инъикосгарӣ симои давлат дар арсаи байналмилалӣ дониста мешавад ва муаррифгари давлат бо маҳсулоти истеҳсолнамуда мебошад. Бе гуфтугу, метавон қайд намуд, ки дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ ҷиҳати таъмин ва густариши ҳамкориҳои судманд бо шарикони рушд шакли кластеркунонии бахши саноат муҳим арзёбӣ мегардад. Ба тарзи дигар ифода намоем, ташаккул ва рушди кластерҳо дар соҳаи саноат нақши асосӣ дорад. Аз ин бармеояд, ки дар пояи усулҳои муосир ва манбаъҳои рушди иқтисоди миллӣ беш аз пеш ба мавқеи кишвар доир ба омезиши самаранокии баланди истеҳсолот ва татбиқи принсипҳои воридотивазкунанда диққати зарурӣ диҳем.

Дар ниҳоят, гуфтан мумкин аст, ки мавзӯи диссертатсионии Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна дар мавзуи «Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ ба талаботи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 иҷро гардидааст. Аз ин рӯ, бо заминаҳои асосии ташкили низоми инноватсионӣ ҷиҳати такмили сиёсати саноатӣ, мубрамият ва саривақтии таҳқиқоти мазкурро муайян менамояд.

### 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд

Маврид ба зикр аст, ки диссертатсияи муаллиф дорои навгониҳо ва дастовардҳои илмии зиёд буда, мазмуни пурраи онҳо дар диссертатсия инъикос ёфтаанд.

Аз рафти таҳқиқи назариявию методӣ ва таҳлилҳои оморӣ, навгониҳои илмии зерин ҷудо гардидаанд, ки аҳаммияти муҳимми иқтисодӣ доранд:

- равишҳои назариявии ташаккулёбии сиёсати саноатӣ ҳамчун системаи фаъолияти алоқаманд, ки ба амалигардонии тадбирҳои применитивии рушди бахши саноатӣ равона гардида, фарогири дарки принсипҳои ҷойгиркунӣ, тахассусият, кооператсия, ҳамгирой ва кластеркунонии соҳа буда, бо мақсади таъмини ҳамоҳангкунии рушди саноат ва бо дарназардошти қонуниятҳои тамоюлҳои рушди саноат дар тартиби технологияш, ки барои ба ҳадафҳои стратегии рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ноил гардидан имконият фароҳам оварда метавонад, муайян карда шудаанд;

- тавсифи қонуниятҳои рушди соҳаи саноат дар замони муосир асоснок карда шудаанд, ки нақш ва аҳмияти омили «инноватсия»-ро ҳамчун драйвери калидии тағйиротҳои судманд ва гузаштан ба тартиботи технологии нави босифати рушди иқтисодӣ муайян месозад. Ҳамзамон дар пешниҳоди таърифи муаллифӣ тартиби технологӣ дар ҳолати мавҷудияти тамоюлҳои ҷаҳонии печидагӣ ва мураккабии фазои иттилоотӣ ҳамчун сатҳи нави рушди системаи саноате, ки аз дараҷа ва сатҳи талаботи истеъмолӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ вобаста намебошад, пешниход мешавад;

- самтҳои асосии мукаммалсозии сиёсати саноатӣ дар мисоли кишварҳои рушдкунанда, ки равиши кластерии ташкили истеҳсолоти саноатиро хамчун шакли афзалиятноки низомнокии он дар назар доранд, ки бо дарназардошти таъминшавии ҳадафҳои дохилӣ, мақсад, принсипҳо ва воситаҳои таъсиррасонӣ, ки ба ноил гардидан ба параметрҳои рақобатпазирии системаи саноати миллӣ равона гардидаанд, муайян шудаанд;

- тамоюлҳои тавсифии рушди бахши саноати Тоҷикистон ҳамчун системаи кушодаи алоқамандиҳои соҳаҳои мухталиф, ки рушди

динамикиашон (новобаста аз тренди мусбати нишондиҳандаҳояш дар солҳои охир) тавассути камбудии таъминоти методии равандҳои идораи давлатӣ, норасоии захираҳои сармоягузорӣ, рушд наёфтани асосҳои инфрасохтории ҳамкориҳои миёни илму истеҳсолот ва ғ. муайян карда шудаанд, ки дар маҷмуъ қафомондагии технологии он аз сатҳи муосирро афзун мекунад;

- механизмҳои самараноки амалисозии сиёсати саноатии дорои тағйиротҳои ниҳодӣ дар сохтори идораи соҳа, ки ба самти таъмини ҳамкориҳои судманди мақомотҳои гуногуни давлатӣ равона гардидаанд, бо дарназардошти унсурҳои зерин пешниҳод мегарданд:

✓ амалисозии комплекси тадбирҳои ташаккулёбии кластерҳои минтақавии саноатӣ;

✓ коркарди механизми рушди консепсияи воридотивазкунӣ дар бахши саноати иқтисодиёти Тоҷикистон, ки дорои алгоритми амалисозии пайдарпайи табдирҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва маъмурии дастгирии истеҳсолкунандаи ватанӣ дар бозорҳои дохиливу хориҷӣ мебошад;

✓ тавассути моделсозии риёзӣ муайян кардани қимматҳои ояндабинии нишондиҳандаҳои асосӣ дар даварҳои дарозмуддат пешниҳод карда шудааст.

Ҳамзамон, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ мавқеи илмии муҳаққиқ дар сатҳи таҳқиқот нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда фаро мегиранд, ки дар онҳо исботи натиҷаҳои амалии кори муҳаққиқро инъикос мекунанд:

- равиши аз ҷониби муаллиф коркардшудаи системавии инъикоси муҳтавои комили сиёсати саноатӣ ҳамчун системаи тадбирҳои ташаккулёбии шароитҳои мусоид, ки ҷумбиши сохтории мутавозун ва ҳамоҳангкунии соҳаҳои гуногуни системаи саноатиро таъмин месозад;

- принсипҳои таҳлил ва назорати сатҳи технологии рушди системаи саноат, ки дараҷаи кушодии иттилоотӣ ва таъмин будан бо сармоягузориро ҳамчун меъёрҳои калидии баҳогузорӣ ба ҳисоб мегирад;

- модели консептуалии қафомондагии технологии системаи саноати миллӣ аз сатҳи тартиботи технологии кшварҳои рушдкарда;

- схемаи тағйиротҳои ниҳодии назорати давлатии системаи саноат, ки миконият медитҳад ҳамкориҳои ниҳодҳои гуногун беҳтар гарданд:

- механизмҳои амаликунонии равиши кластерӣ дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон бо дарназардошти параметрҳои рушди инноватсионии соҳа коркард гардидааст.

**3. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Хулоса ва тавсияҳои диссертатсия илман асоснок буда, мазмун ва моҳияти онҳо пурра дар матни диссертатсия шарҳ дода шудааст.

Хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, принсипҳои аз тарафи муаллиф пешниҳод шуда, равишҳо ва механизмҳо ҳамчун асоси коркарди масъалаҳои мукаммалсозии сиёсати саноатӣ ва амалисозии самараноки ҷиҳати татбиқи рақамикунонӣ дар корхонаи саноатӣ муҳим арзёбӣ гардидааст. Воқеан ҳам, муаллиф нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшударо исбот ва натиҷаҳои аз кори таҳқиқоти бадастомадаро тасдиқ мекунад. Махсусан, заминаҳои воқеӣ ва боэътимоди рушди инноватсионии соҳаи саноатро бо ҷорӣ намудани технологияи муосир таҷассум намудааст. Дар ин росто рушди инноватсионии саноат боиси беҳтар намудани самаранокии иқтисодӣ гардида, яке аз омили асосии баландбардории рақобатпазирии низомҳои иқтисодӣ дониста мешавад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо корбасти усулҳои махсуси илмӣ-назариявии дар рафти иҷрои таҳқиқот истифодагардида, дақиқии маълумотҳо, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқгардида, коркарди илмӣ-оморӣ, назариявӣ, риёзӣ ва абстрактии натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳои муаллиф дар асоси омӯзиши илмӣ ва натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод карда шудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи он**

Аҳамияти илмии тадқиқот дар он зоҳир мегардад, ки равишҳои технологӣ ва рушди инноватсионии системаи саноатӣ дар кишвар дарҷ гардида, натиҷаҳои бадастомада барои таҳқиқи минбаъдаи сиёсати саноатӣ ва рушди индустриалию инноватсионӣ замина мегузорад. Ҳамчунин, натиҷаи тадқиқот ба тамоюлҳои рушди инноватсионӣ ва механизмҳои сиёсати саноатӣ тақвият бахшида, дар самти рушди саноати миллӣ кумак намояд.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки дар асоси хулосаҳо ва тавсияҳои илман асоснокшуда метавонад ба дигар тадқиқотҳо дар оянда ҳамчун роҳнамо дар самти сиёсати саноатӣ ва ба мавзӯъ алоқаманд васеъ истифода карда шавад. Ҳамзамон, аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастомада доир ба самаранокии системаи саноатӣ ва такомули сиёсати саноатӣ дар фаъолияти амалии Вазорати саноат ва технологияҳои навини Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ҳангоми омӯзиши курсҳои «Иқтисодиёти корхонаҳо», «Иқтисодиёти саноат», ва «Асосҳои фаъолияти инноватсионии корхона» мавриди ифода қарор гирифта метавонанд.

**Дар муқаддимаи диссертатсия** мубрамият ва зарурати баргузории таҳқиқоти диссертатсионӣ собит гардида, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ ва заминаҳои назариявию методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод шудааст. Ҳадаф, объект ва мавзуи таҳқиқот муайян карда шуда, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти амалии таҳқиқот кушода дода шудааст.

**Дар боби якуми диссертатсия** – «Асосҳои назариявӣ-методии ташаккули системаи саноат ва рушди соҳаҳои саноатӣ», асосҳои назариявии фаъолият ва рушди системаи саноати кишвар ва проблемаҳои коркард кардани сиёсати саноат дар он, равишҳои технологии таъсиррасонӣ ба сохтори системаи саноат, тараққиёти техникӣ-инноватсиони ҳамчун унсури рушди сиёсати саноат коркард гардидаанд.

Саноат яке аз соҳаҳои калидии иқтисоди миллӣ буда, тавлидкунандаи асосии неъматҳои моддӣ ҳисобида мешавад. Бинобар ин, рушди саноати кишвар заминагузорӣ пешрафти бахшҳои калидии иқтисодиёт мебошад, ки дар арсаи байналмилалӣ нуфузи давлатро боз ҳам устувортар мегардонад. Аз ин рӯ, аз ҷониби муаллиф дар боби мазкур мубрамияти мавзуъ дар асоси санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ асоснок гардида, дар навбати аввал омӯзиш ва таҳлили муҳтавои мафҳуми «сиёсати саноатӣ» аз нигоҳи муаллиф ба мақсад мувофиқ мебошад, зеро сиёсати саноатии давлат ҳамчун як қисми сиёсати умумии иқтисодӣ яке аз мафҳумҳои ба таври васеъ муҳокимашаванда дар байни олимону муҳаққиқони ҳам соҳаи иқтисодиёт ва ҳам соҳаҳои ҳуқуқӣ мебошад. (саҳ.15)

Лозим ба ёдоварист, ки муаллиф дар диссертатсия ба масъалаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат диққати махсус зоҳир намудааст. Воқеан ҳам, диссертант ҳангоми тадқиқоти илмӣ далелҳои назариявию амалиро дар заминаи назарияҳои олимони ватанию хориҷӣ муаллиф мафҳуми сиёсати саноатиро чунин шарҳ медиҳад, ки қобили қабул мебошад: сиёсати саноатӣ ва ё бо дигар ибора сиёсат дар соҳаи саноат – ин маҷмӯи ташаббусҳо ва таҷҳизотҳои бо дигар шаклҳои сиёсат алоқаманде мебошад, ки аз ҷониби давлат ҳамҷоя бо субъектони хоҷагидорӣ роҳандозӣ карда шуда, барои рушд додани иқтидори саноати кишвар, бартараф кардани монеъаҳои рушд, мукаммал гардонидани сохтори иқтисодиёти миллӣ, ташаккул додани истеҳсолот ва маҳсулоти рақобатпазир, таъмин намудани афзалиятнокӣ ва сармоягузорӣ дар тамоми сохторҳои саноатӣ, таъмин намудани бехатарии иқтисодии равандҳои саноатии кишвар ва минтақаҳои он равона мегардад. (саҳ. 20).

Ҳамчунин аз тарафи муаллиф модели консептуалии асосҳои ташаккулёбӣ ва рушд ёфтани системаҳои саноатӣ ки аз ҷанбаҳои ташаккулёбии системаҳои саноатӣ ва зерсистемаҳои саноатии системаи саноатӣ иборат мебошанд таҳия намудааст. Ҳамчунин онҳоро ба гурӯҳҳои истеҳсолӣ, ғайриистеҳсолӣ ва истеъмолӣ ҷудо намудааст. (расми

1.1 саҳ. 28). Ба зерсистемаи аввал субъектони истеҳсолкунандаи система дохил мешаванд, ки ба онҳо корхонаҳои саноатӣ шомил мебошанд. Ба зерсистемаи ғайриистеҳсолӣ бошад тақсимкунандагон ва интиқолкуннадагони маҳсулот дохил мешаванд, ки хизматрасониҳои ба фурӯш баровардани маҳсулотро мерасонанд. Маҳсулоти истеъмолмешудаи таъиноти техникиву истеъмолидошта низ зерсистемаи системаи саноатӣ мебошад.

Дар боби мазкур муаллиф ташаккулёбии сиёсати саноатиро сохторбандӣ намуда соҳаҳову комплексҳои саноатӣ, ки ҳамкориҳои судманди субъектону соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллиро таъмин менамоянд ба раври пурра шарҳ додааст. (саҳ.31)

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки таорузи тамоми бухронҳои иқтисодӣ дар тағйирёбиҳои парадигмаҳо ва ё моделҳои технологии рушд зоҳир мегарданд. Дар алоқа ба ин азнавкунии давравии параметрҳои техникӣ-технологии фаъолияти соҳаи саноат барои рафъи оқибатҳои бӯҳронӣ зарур мебошад. Дар баробари ин омодасозии мутахассисони варзидае, ки битавонанд дастовардҳои илмӣ-техникиро дар арванди истеҳсолӣ ҷорӣ намоянд зарур мебошанд. Дар шароитҳои навин сармояи инсонӣ захираи калидии ноилгардӣ ба рақобатпазирии системаи саноат мегардад.( саҳ.44)

**Дар боби дуюми диссертатсия** – «Таҳлили тамоюлҳои рушди соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон», таҳлили ҳолати муосир ва тамоюли рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст. Ҳамзамон заминаҳои асосии ташкили системаи инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, тамоюлҳои рушди инноватсионии саҳаҳои саноати истихроҷ ва саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст. Дар боби мазкур тағйирёбии сохтори истеҳсолии ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳиссаи МММ дар солҳои 2010-2021 дар асоси маълумотномаҳо ба таври пурра оварда шудааст. (саҳ 66)

Дар диссертатсия гуфта мешавад, ки солҳои охир нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври назаррас баланд

мешаванд. Дар давраи мавриди таҳлил ММД-и ҷумҳурӣ соли 2021 нисбат ба соли 2010 3,3 маротиба афзоиш ёфта, ҳамзамон дар он ҳиссаи МММ бо афзоиши 4,0 маротиба ба қайд гирифта шудааст. Ҳиссаи саноат дар ин раванд, дар ташаккули нишондиҳандаҳои асосии иқтисодиёти кишвар, ҳамчун соҳаи калидӣ назаррас мебошад (ҷадвали 2.2 саҳ. 67).

Аз ҷадвали 2.4 ( саҳ 71) бармеояд, ки тамоюли афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар соҳаи истихроҷи маъдан дар давраи солҳои 2015-2021 дар маҷмуъ 3,1 маротиба рушд карда, дар ин доира истихроҷи маводҳои энергетикӣ 3,3 маротиба, истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ бошад 9 маротиба афзоиш ёфтаанд. Аммо бояд тазаккур дод, ки нишондиҳандаҳои маводҳои энергетикии соли 2021 нисбат ба соли 2020 56 нишондиҳанда афзоиш ёфта, истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ бошад, нисбат ба соли 2020 ду маротиба зиёд шудаанд. Дар саноати коркард нишондиҳандаҳои солҳои 2015-2021 тамоюли афзуншавӣ дошта, дар ин давра истеҳсоли маҳсулотҳои хӯрока, нассоҷӣ, чарм, истеҳсолоти кимиёвӣ аз 2 маротиба зиёд афзоиш ёфта, истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ аз 3 маротиба зиёдтар рушд кардаанд. Маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ, истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ ва мошинсозӣ бошанд афзоиши хело калон доранд. Аммо дар мавриди истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ бояд қайд намоем, ки дар давраи солҳои 2015-2020 тамоюли рушди он 4,7 маротиба афзун гардида, нисбат ба соли 2019 бошад 9,8 % зиёд мебошад ва нисбат ба коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб (1,8 маротиба) 2,9 маротиба зиёд мебошад. Сабабаш пеш аз ҳама, ба кор даровардани корхонаҳои коркарди пластмасса дар вилояти Суғд ва ш. Душанбе дар се соли охир алоқаманд мебошад. Дар соли 2021 тамоюли афзоиши мошинсозӣ 14 маротибаро ташкил дода, нисбат ба соли 2020 бошад 101 воҳид афзуда аст.

Дар кори таҳқиқотӣ бо дарназардошти ба миён омадани зарурати таҷдид ва бознигарии стратегияҳо, санадҳои меъёрӣ ва барномаҳои соҳавӣ дар доираи муайян намудани заминаҳои асосии ташаккулёбӣ ва

мураттабшавии стратегияи рушди илмиву техникии муҷтамаъҳои саноатӣ, инчунин мавриди омӯзиш қарор додани методикаҳои ташаккулёбии он, ироа намудани методикаи илман асоснок пешниҳод карда шуда аст. (саҳ. 87)

Пас аз таҳқиқи натиҷаҳои таҳлили гузаронидашуда имконият медиҳад бо хулоса оем, ки дар ташаккули стратегияи рушди кишвар, аз ҷумла рушди соҳаҳои саноати кишвар ба бахши саноати истихроҷ диққати махсус дода шавад, зеро тамоюлҳои рушди он ноустувор ва печида мебошанд, ки дар ҳолати идома ёфтани чунин тамоюлҳо дар муддати дароз, дар сохтори иқтисодӣ тағйирот ба амал омаданаш мураккабу душвор мегардад. Дар шароитҳои мураккаби сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодии муосир бояд чунин сиёсати саноатие ташаккул дода шавад, ки манфиатҳои тамоми тарафҳоро ба инобат гирад. Ғайр аз ин бояд бахши инноватсионии соҳаҳои иқтисодӣ ҷудо карда шуда, ба он тиҷорати хурди инноватсионӣ ҳамроҳ карда шавад. (саҳ. 109)

**Дар боби сеюми диссертатсия** – «Самтҳои стратегии такомули муҷтамаъҳои саноатӣ ва сиёсати саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон», методикаи ташаккулёбии стратегияи рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, мукаммалгардонии механизмҳои рушди сиёсати саноатӣ ва соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардида, модели иқтисодӣ-риёзии фаъолият ва самаранокии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Дар боби мазкур муаллиф қайд мекунад, ки стартегияи рушди илмӣ-техникии муҷтамаъҳои саноатӣ аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва стратегияву барномаҳои давлатӣ ҳамчун асос маншаъ гирифта, самтҳои мухталафи фаъолияти самарабахши соҳаро фаро мегирад. Дар стратегия, арзёбии воқеии ҳолати рушди илмӣ-технологии саноатӣ дар минатқаҳо тариқи муайян сохтани мавҷудияти иқтидори илмиву техникӣ, сатҳи технологии корхона, то чӣ андоза вобаста будани онҳо аз воридоти таҷҳизоту технологияҳо аз берун, рақобапазирии маҳсулоти истеҳсолшаванда,

фаъолияти инноватсионӣ, таъсиррасонии ин омилҳо ба рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минатқаҳо ва аҳолии кишвар дарҷ гардида, дар он натиҷаҳои пешбинишудаи рушди илмӣ-техникии муҷтамаъҳои саноатӣ пешниҳод мегарданд ва нақшаҳои имконпазири рушди технологӣ муайян карда шуда, тартиботи технологияҳои афзалиятдор ташаккул дода мешавад. (саҳ.112-116)

Аз натиҷаҳои тахлили дар моделсозии иқтисодӣ-риёзӣ истифодашуда бармеояд, ки дар раванди ташкили сиёсати саноатӣ ва равандҳои кластеркунонии саноат пеш аз ҳама ба таъмини кифояи сармоягузорӣ ва таҷдиди фондҳои асосӣ диққати махсус бояд дод. (саҳ.161-162)

**Дар қисмати хулосаи диссертатсия** натиҷаҳои асосии илмӣ ҷамъбаст гардида, тавсияҳои мушаххаси муаллиф оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва ҳалли муаммоҳои дар диссертатсия баррасигардида, оварда шудаанд.

## 4. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ:

Натиҷаҳои асосии тадқиқоти диссертатсионӣ дар 22 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд, ки муҳтавои асосии диссертатсия дар онҳо дарҷ гардидааст. Дастовардҳои ноилгардидаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷой доштаро дар худ инъикос намуда, дар мизҳои мудаввар, семинарҳои илмӣ-методӣ, дар конфронсҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии ҳарсола бо ҳайъати профессорону устодон ва кормандони МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баргузор шуда, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

### 5. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Диссертатсияи Аскарова С.С. ба талаботи бандҳои 31,33,34,35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 № 295) ҷавобгӯй мебошад. Муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқикот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифта, асосҳои илмӣ ва амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд.

### 6. Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ

Дар баробари муваффақияту комёбиҳои таҳқиқоти диссертасионӣ ҳамзамон, як қатор камбудию норасоиҳо дар диссертатсия ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо хусусияти тавсиявӣ доранд. Чизе ки дар дисертатсия нест

1. Дар зербоби 1.1. бо дарназардошти мавриди таҳқиқ қарор гирифтани андешаҳои олимони хориҷӣ, андешаҳои олимони ватанӣ камтар дарҷ гардидаанд.

2. Дар зербоби 2.3 муаллиф тариқи мисол ҶСК «ТАЛКО» - ро гирифтааст, лекин ягон маълумоти оморӣ нисбати корхонаи мазкур оварда нашудааст. Ҳол он, ки ҶСК «ТАЛКО» яке аз корхонаҳои бузурги саноатии кишвар дониста мешавад.

3. Вобаста ба таҳлили нишондиҳандаҳо ва ҷадвалҳои овардашуда, хулосабарориҳо мухтасар карда шудаанд. Агар унвонҷӯ аз рӯи маълумотҳои овардашуда хулосаҳои амиқ ва алоқамандро вобаста ба

мавзӯи таҳқиқотшаванда иловатан баён медошт, ба манфиати кор мебуд.

4. Дар зербоби 1.2. афзалиятҳои сиёсати саноатӣ даққиқтар дида мешуд, ба манфиати кор мебуд. Зеро вобаста ба вазъи имрӯза ва таъмини амнияти иқтисодӣ, мақсад ва вазифаҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат то чӣ андоза муҳим арзёбӣ мегардад.

5. Дар баробари омӯзиши сиёсати саноативу инноватсионии кишварҳои аз лиҳози иқтисодӣ пешрафта, таҷрибаи муносиби кишварҳо маҳз барои Ҷумҳурии Тоҷикистон баён нагардидааст. Воқеан ҳам, таҷрибаи кишварҳои мазкур барои расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар нақши хоса доранд.

6. Дар зербоби 2.1. доир ба омилҳои таъсиррасон ба ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ даққиқ оварда нашудааст. Воқеан ҳам, вазъи устувор ва имкониятҳои мавҷуда боис мегардад, маҳсулоти рақобатпазир истеҳсол карда шавад.

7. Роҷеъ ба раванди инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ ва ҷалби сармоягузориҳо дар зербоби 2.3. даққиқтар иброз нагардидааст. Хусусан, фазои мусоиди сармоягузорӣ ва муаррифии бештари имкониятҳо боис мегардад, ки сармоягузорӣ беш аз пеш ҷалб карда шаванд.

8. Дар матни диссертатсия баъзан ғалатҳои имлоӣ ба назар мерасанд, ки мӯҳтавои диссертатсияро гум намекунанд. Чунки андешаҳои муаллиф ҷолиб ва дар сатҳи зарурӣ иброз гардидаанд.

Эроду дархости болозикр характери тавсиявӣ дошта, сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсиониро коҳиш намедиҳад. Дар маҷмуъ диссертатсия таҳқиқоти баитмомрасидаи илмӣ буда, мустақилияти унвонҷӯро дар ҳалли муаммоҳо оид ба бозори меҳнати минтақавӣ нишон медиҳад.

## 7. Хулосаи умумӣ доир ба диссертасия

Дар умум, таҳқиқоти диссертатсионӣ аз нигоҳи муқарризи расмӣ дар сатҳи баланди илмию амалӣ иҷро шудааст.

Маврид ба зикр аст, диссертатсия дар мавзуи «Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050607 – “Иқтисодиёти саноат ва энергетика” ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023 № 295) мутобиқ буда, муаллифи он Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент**
**сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои**
**макроиқтисодии Маркази тадқиқоти**
**стратегии назди Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Муртазоев О.Қ.**

**Имзои Муртазоев О.Қ. – ро тасдиқ мекунам:**

**Сардори шуъбаи кадрҳо,**
**корҳои махсус ва умумӣ** **Шодиева З.Д.**

***Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,***
***шаҳри Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, 89.***
***Тел: (992 37) 2211100.***
***Факс: (+992 37)221-11-00.***
***E-mail: info@mts.tj***